Ҳисоботи
Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи аввали соли 2022

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2022, №22/10-33 оид ба натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи аввали соли 2022 маълумоти зеринро манзур менамояд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавӣ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Кумита ҷиҳати иҷрои банди 1 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" зикр гардидаанд, чораҷӯӣ намуда, Нақшаи чорабиниҳои Кумитаро бо Фармоиши Раиси Кумита аз 02 феврали соли 2022, №9 таҳия ва тасдиқ намуд.

Ҳамзамон, Кумита ҷиҳати иҷрои босифат ва саривақтии бандҳои дахлдори супориши болозикр ҳамкории судмандро бо вазорату идораҳои дахлдор ба роҳ мондааст.

Дар ин замина, Кумитаи рушди маҳал вобаста ба таъмини иҷрои бандҳои 4, 8, 23, 24, 31 ва 32 Нақшаи чорабиниҳои супориши болозикр маълумотҳои зарурировa ҷамъбаст намуда, ба вазорату идораҳои ҷамъбасткунанда аз он ҷумла: ба вазоратҳои рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №1/5-105, молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №1/5-104, саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №1/5-112, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022, №1/5-107 ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2022 №1/5-106 маълумот ирсол намуд.

Инчунин, Кумита супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2020, №24.2/10-93, аз 26 ноябри соли 2020, №436, аз 3 марти соли 2020, №24/10-53, аз 6 марти соли 2019, №24/10-183 ва аз 30 июни соли 2020, №24/10-251 дар бораи иҷрои банди 85 нақша чорабиниҳои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2020, №АП-1325 оид ба иҷрои вазифаҳое,

ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он маълумотнома аз 19 январи соли 2022, №1/4-21 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Дар ин давра, ҷиҳати таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №311 “Оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои иҷро ва роҳбарӣ гирифта, иттилоъ медиҳад, ки дар асоси фармони мазкур фармоиши Раиси Кумита ва Нақшаи чорабиниҳо аз 22 январи соли 2022, №05 тасдиқ карда шудааст.

Ҳамзамон, аз ҳисоби роҳбарияти вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гурӯҳи кории байниидоравии босалоҳият ҷиҳати таҳия намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Инчунин, рузи 2 феврали соли ҷорӣ ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравӣ таҳти роҳбарии Раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари гурӯҳи кории байниидоравӣ баргузор карда шуда, моҳият ва мақсади баргузории ҷаласаи мазкур тариқи лавҳаи намоишӣ ба саҳми иштирокдорон расонида шуд.

Дар рафти кори ҷаласа масъалаи мазкур мавриди муҳокимаи умум қарор дода шуда, ба масъулини вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати то 1 марти соли ҷорӣ пешниҳод намудани нақшаи чорабиниҳои ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шуда, аз натиҷаи он протоколи дахлдор таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Қобили қайд аст, ки дар асоси нақшаи чорабиниҳои пешниҳоднамудаи вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намуда, аз 19 марти соли 2022, №1/4- 69 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Инчунин, Кумита Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2022, №АП-174 дар бораи омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта, бо фармоиши Раиси Кумита аз 29 марти соли 2022, №17 нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, аз ҷониби роҳбарият тасдиқ карда шуд.

Дар ин раванд, Кумита ҷиҳати қабул намудани санади меъёрию ҳуқуқӣ ва таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба корҳои ободонию созандагӣ ҳамкориро

барои расонидани ёрии методию амалӣ бо масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ба роҳ монда истодааст.

Кумита бо мақсади иҷрои банди 1.5. Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021 №551 тасдиқ шудааст, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳисоботи раисони Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ солҳои 2019 – 2021"-ро, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 тасдиқ гардидааст, якҷо бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, барои пешниҳоди хулоса ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намудааст.

Инчунин, Кумита ҷиҳати таъмини иҷрои банди 1 нақшаи чорабиниҳо аз 24 январи соли 2022, №24/10-24 оид ба рафъи камбудию норасоиҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ҷамъбастии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ 20 январи соли 2022 бо натиҷагирӣ аз ҳисоботи раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо баён гардидаанд, бо фармоиши Раиси Кумита аз 4 феврали соли 2022, №10 Нақшаи чорабиниҳои Кумитаро оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2022, №2 "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022" ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2022, №24/10-24 вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба рафъи камбудию норасоиҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ҷамъбасти рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ 20 январи соли 2022 бо натиҷагирӣ аз ҳисоботи раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо баён гардиданд, ба тасвиб расонид.

Вобаста ба таъмини иҷрои банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 "Дар бораи қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии барномаҳои минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" маводҳо ҷамъоварӣ гардида, аз 21 феврали соли 2022, №1/5-67 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол пешниҳод карда шуданд.

Дар ин давра, аз ҷониби Кумитаи рушди маҳал бо мақсади иҷрои талаботи сархати 1 банди 20 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2020, №64 "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020" ҷиҳати бознигарии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва аз нав оғоз намудани фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ аз

14 январи соли 2022, №1/5-17 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол гардидааст.

Робита ба ин, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2022, №2472 (24-3) ҷиҳати амалӣ намудани Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 хулосаҳои вазорату идораҳои дахлдорро роҷеъ ба омодасозии санадҳои меъёрии дарназардошта ва аз нав оғоз намудани фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравиро корбарӣ намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2022, №1/5-66 пешниҳод гардид, ки тибқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2022, №10566 (24-3) ба вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои барои корбарӣ ирсол гардид.

Таъмини иҷрои супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 августи соли 2021, №444582, 444583(24-3) оиди тағйир додани номи ҷамоатҳои шаҳраки шаҳри Хоруғ, ҷамоатҳои деҳот, маҳаллаҳои аҳолинишин ва мавзеҳои ҷуғрофии ноҳияи Мурғоб, Роштқалъа ва Ишкошимро барои иҷро таҳти назорат гирифта, аз натиҷаи он аз 30 декабри соли 2021, №1/4-569 ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маълумотнома ирсол карда шуд.

Дар ин давра, Кумита тибқи супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2022 оид ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2022, №309 “Дар бораи солҳои рушди саноат эълон намудани солҳои 2022-2026” мавриди баррасӣ қарор дода, маълумотнома аз 31 январи соли 2022, №1/5-36 ба Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2020, №441127 ва аз 6 майи соли 2021, №442824(24) оид ба номивазкунии ҷамоатҳои деҳот ва шаҳраки ноҳияи Варзобро мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он аз 8 феврали соли 2022, №1/4-48 ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома ирсол намуда, дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.

Иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2021, №9906(24) “Дар бораи ба Ҷамоати деҳоти Мискинободи ноҳияи Файзобод додани мақоми шаҳрак ва иваз намудани номи он ба Ҷамоати шаҳраки 30-солагии Истиқлол”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он аз 8 феврали соли 2022, №1/4-47 ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома ирсол намуда, айни замон дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дорад.

Вобаста ба иҷрои бандҳои 2, 18, 19, 20, 21, 25, 75 ва 90-и супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 октябри соли 2020, №24/10-390 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар

чараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Шаҳритус, Бохтар, Левакант, Вахш, Кӯлоб, Восеъ, Шамсиддин Шоҳин, Муъминобод ва Ховалинги вилояти Хатлон аз 22 то 26 сентябри соли 2020, баён доштанд, аз 11 феврали соли 2022, №1/4-46 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома ирсол гардид.

Ҳамзамон, Кумита ҷиҳати иҷрои бандҳои 10, 11, 26 ва 50 супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2018, №24/10-431 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар чараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа, Мурғоб ва Хоруғи ВМКБ аз 11 то 15 сентябри соли 2018 баён доштанд, аз 24 феврали соли 2022, №1/4-52 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома ирсол карда шуд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №30/10-116 оид ба таъмини иҷрои дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷиҳати амалӣ намудани Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 14 январи соли 2022, №1/5-17 ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот ирсол гардид.

Дар ин давра, Кумита тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2022, №1583(29-3.1) оид ба Созишномаи ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати вилояти Оренбурги Федератсияи Россия мавриди баррасӣ қарор дода, бо тартиби муқарраргардида аз 10 феврали соли 2022, №1/5-41 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол намуд.

Бояд қайд намуд, ки Кумита дар давраи ҳисоботӣ бо истифода аз "Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал" дар соли 2021-ро арзёбӣ намуда, маълумоти таҳлилӣ аз 7 феврали соли 2022, №1/5-35, 1/5-36, 1/5-37 ва 1/5-38 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд ва тибқи супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2022, №5509 (24), 5510 (24), 5511 (24) ва 5513 (24) ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати барои корбарӣ ва ислоҳи камбудиҳо ирсол карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин давра "Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо вобаста ба фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал" дар асоси паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2022, №2 "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ва

вазифаҳо барои соли 2022” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил ёфта, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2022, №1/5-58 ирсол гардид, ки тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2022, №9060 (24-3) ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои корбарӣ тибқи тартиби муқаррааргардида ирсол карда шуд.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2022, №9060(24-3) ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба пешниҳоди ҳисоботҳо вобаста ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соҳаи рушди маҳал дар семоҳаи якуми соли 2022 аз 28 марти соли 2022, №1/5-116 мактуб ирсол карда шуд.

Ҷиҳати иҷро супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2021, №15/10-94 оид ба масъалаҳои ҷойҳои кори холӣ, ба тариқи озмун интихоб намудани кадрҳои сатҳи касбиашон баланд, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва омодагии касбии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2022, №1/7-19 маълумот ирсол карда шуд.

Инчунин, Кумита вобаста ба супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2021, №30/10-08 (4) оид ба вазъи кор бо мурочиатҳо дар мақомоти давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба корҳои ба сомон расонидашуда ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҷадвали тасдиқшуда ҳармоҳа ҳисобот пешниҳод менамояд, ки дар ин давра, аз 1 феврали соли 2022, №1/7-27 ва аз 1 марти соли 2022, №1/7-55 маълумот ирсол гардидааст.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №36/10-93 аз 29 декабри соли 2021 эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкии хизматчиёни давлатӣ, тибқи тартиби муқаррааргардида маълумотҳо аз ҷониби роҳбарият ва кормандони Кумита пешниҳод гардида, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2022, №1/7-62 ва 19 марти соли 2022, № 1/7-70 пешниҳод карда шуд.

Ҳамзамон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2022, №1/7-118 маълумот ирсол карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2022, №24/10-2 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, рӯйхати даъватшавандагон барои иштирок дар чорабиниҳои ҷумҳуриявии Иди байналмилалии Наврӯз, ки дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон баргузор гардид, омода ва ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали

соли 2022, №1/7-49 ва бо тариқи почтаи электронӣ ирсол карда шуда, иштироки масъулин санаи 21 марти соли 2022 дар чорабинии мазкур таъмин карда шуд.

Дар ин давра, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2020, №21/11-3 Нақшаи дуҷонибаи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабули онҳоро санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ менамоянд, инчунин қабул, бақайдгирии давлатӣ ва иҷрои онҳо пешбинӣ гардидааст таҳия намуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мувофиқа пешниҳод намуд, ки дар натиҷа аз 15 марти соли 2022 тасдиқ гардид.

Вобаста ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2022, №26/10-26 санаи 1 феврали соли ҷорӣ дар толори калони Кумита бо иштироки намояндагони ВАО нишасти матбуотӣ баргузор гардида, аз натиҷаи он маълумотнома ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2022, №1/5-28 ирсол гардидааст.

Вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №101 “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2021-2022” маълумотнома омода намуда, аз 14 январи соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар асоси дархости Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №1/-(1)-974 вобаста ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2023-2030” мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шуда, пешниҳод ба лоиҳаи мазкур ба унвонии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №1/7-25 ирсол карда шуд.

Тибқи супориши барқияи ҳукуматӣ аз 2 марти соли 2022, №24/10-6 оид ба баргузор намудани чорабиниҳои Иди байналмилалии Наврӯз маъулини Кумита рузҳои 17 ва 18 марти соли ҷорӣ ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон сафари хизматӣ анҷом дода, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот ирсол карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ роҳбарият ва кормандони Кумита дар якчанд конференсияҳо, форумҳо, семинарҳо, ҷаласаҳои кории байниидоравӣ ва чорабиниҳои сатҳи гуногуне, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дар ҳамкорӣ ташкилотҳои байналхалқӣ ташкил карда шуд, фаъолона иштирок намуданд.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2021 №2019 (24.3) таъмини иҷрои банди 39 Нақшаи чорабиниҳо аз 19 апрели соли 2021. №24/10-175 оид ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар чараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Ҷалолиддини Балхӣ, Кӯшониён ва Ёвони вилояти Хатлон аз 24 то 26 марти соли 2021 баён доштаанд, Гуруҳи кории Кумита аз 21 то 26 феврали соли ҷорӣ ба вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом дода, чараёни таъмини ичрои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025"-ро тибқи саволномаи тасдиқгардида, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд. Бояд қайд намуд, ки дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 марти соли 2022, №10563(24-3) ҷаласаи сайёри Ҳайати мушовараи Кумита вобаста ба масъалаи рафти амалишавии лоиҳаҳои Нақшаи чорабиниҳои "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025" бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон баргузор карда мешавад.

Бо мақсади тақвияти бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ ва иҷрои банди 34 протоколи ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2022, №1 фармоиши Раиси Кумита аз 28 январи соли 2022, №007 "Оид ба ташкили машғулиятҳои идоравӣ дар Кумита" ба тавсиб расида, тибқи Нақшаи машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатии гузаронида шуда истодааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2022 барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи масъулини Кумита дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои такмили ихтисос 5 нафар кормандон, дар курсҳои азнавтайёркунӣ иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Дар асоси Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос, салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ бо фармоиши Раиси Кумита аз 18 январи соли 2022, №03 «Оид ба гузаронидани озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Кумита» озмун эълон карда шуд, ки санаи 25 феврали соли 2022 бо иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шуд.

Дар асоси фармоиши мазкур ва тибқи муқаррароти ҷойдошта ба 4 мансаби холӣ 6 нафар довталабон ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод намуда, 4 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос бо тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумитаро ишғол намуда, аз

рӯи Низомномаи Кумита, дастурамали мансабӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд. Оид ба ҷамъбасти натиҷаи озмун ба Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/7-54 аз 28.02.2022 ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/7-75 аз 28.02.2022 маълумоти дахлдор ирсол карда шуд.

Ҳамзамон, тибқи банди 39 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ 2 нафар довталабон, ки холи гузаришро гирифта буданд ба захираи ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумита гирифта шуда, аз санаи 14 марти соли 2022 ба категорияи баробар ба мансаб бо риояи талаботи тахассусӣ таъин карда шуданд.

Айни замон, бо фармоиши Раиси Кумита аз 19 марти соли 2022, озмун эълон дода шуда, аёни замон қабули ҳуҷҷатҳои довталабон арои ишғоли мансабҳои холии маъмурии Кумита рафта истодааст.

Бо мақсади ҷамъоварӣ ва коркарди автоматии ҳисоботи омории соҳаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 “Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” маълумоти пурраи кормандон ба Феҳристи хизматчиёни давлатӣ дар моҳи январи соли 2021 ба итмом расонида шуда, мунтазам тағйиротҳо ба феҳрист ҷой дода мешуданд.

Бо назардошти аз нав омода гардидани барномаи мазкур тибқи дархости шифоҳии кормандони Агентӣ ҳисоботи омори давлатии шакли №1-ХД барои семоҳаи аввали соли 2022 омода гардида, бо мактуби расмӣ ва тариқи электронӣ санаи 14 марти соли 2022, №1/7-103 ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Протоколи ҷаласаи ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (COVID -19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 2021, №2к/58-25 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба рафти иҷрои он ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2022, №1/7-26 ахборот ирсол карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи масъулини Кумита дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои такмили ихтисос 5 нафар иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Дар асоси мактуби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2022, №03/03-83 аз санаи 31 январ то 26 феврали соли 2022 дар Кумита 3 нафар магистрантони курси дуюми шуъбаи рӯзонаи зинаи магистратураи

Академия аз рӯи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” ба таҷрибаомӯзии илмӣ – таҳқиқотӣ фаро гирифта шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ 4 адад мурочиати хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 3 адади он тариқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Кумита ворид гардида, саривақтӣ баррасӣ гардида, ба муроҷиаткунанда ҷавоби дахлдор ирсол карда шудааст. Инчунин, аз ҷониби роҳбарияти Кумита 7 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Дар ин давра ба Кумита 569 адад ҳуҷҷат ворид гардидааст, аз он ҷумла:

Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2 адад, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 29 адад, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 30 адад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, қарори маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 1 адад, нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 15 адад, 87 адад мактуб ва 7 адад барқияи ҳукуматӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 адад барқияҳои телефонӣ аз вазорату идораҳо, 226 мактуб аз вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар мақомотҳо, 149 мактубҳо аз вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ ворид шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 19 адад фармоишҳои Раиси Кумита таҳия ва ба тасвиб расонида шуда, инчунин 195 адад мактуб аз ҷумла: 75 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 120 адад ба вазорату кумитаҳо, мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ, корхона ва ташкилотҳои дахлдор содир карда шудаанд.

Дар ин давра ба Кумита 92 адад супоришҳои назоратӣ ворид гардидаанд, аз онҳо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 адад, Фармону Амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 адад, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 адад, нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 адад, супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ 5 адад, супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 адад, нусха аз Протоколи ҷаласаи Ҳайати мушовараи Кумита 29 адад, аз дигар вазорату идораҳо 2 адад, Фармоишҳои Раиси Кумита 7 адад, Протоколҳои кории назди Раиси Кумита 1 ададро ташкил дода, ба онҳо варақаҳои назоратӣ саривақт таҳия ва омода гардида, ба воҳидҳои сохтории Кумита дастрас гардидаанд, ки тибқи муҳлати муқарраргардида рафти иҷрои онҳо таҳти назорати доимӣ қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба 6 лоиҳаи қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқии Кумитаро омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.

Ҳамзамон, оид ба рафти иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ба Кумитаи сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллии Маҷлиси намояндагони

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намуда, масъулини Кумита дар муҳокимаи парламентӣ ширкат варзиданд.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим” аз 1 марти соли 2018, №96 Нақшаи кории Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросими Кумита барои соли 2022 таҳия ва тасдиқ карда шуданд, ки рафти иҷрои он таҳти назорат қарор дорад.

Кумита ҷиҳати ворид намудан ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2022 ва вазифаҳо то охири соли 2022” чунин пешниҳод менамояд:

- Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳотро мунтазам арзёбӣ намуда, аз натиҷа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас манзур намояд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид мегарданд, дар мӯҳлатҳои муқарраргардида таъмин намуда, вобаста ба иҷрои вазифаҳои низомномавӣ пайваста тадбирҳо меандешад.